03 05 2019



Мухтарам намояндагони воситахои ахбори омма!
Пеш аз хама, мехохам бори дигар ба чониби Россия миннатдории самимиро барои даъват чихати анчоми сафари расмӣ ба Федератсияи Россия изхор дорам.
Муколамаи мунтазам дар сатхи олӣ ба мо имкон медихад, ки на танхо масъалахои мухим ва дурнамои шарикии стратегиамонро мавзӯӣ мухокима кунем, балки дар бораи масъалахои минтакавӣ ва байналмилалӣ муфассал мубодилаи афкор намоем.
Аз рӯи натичахои гуфтушунидхои имрӯза хуччатхои мухими дучониба ба имзо расиданд.
Зимни сухбати созанда ва мавзӯӣ мо мавкеи наздик ё шабехро дар самти аксарияти мутлаки масъалахои калидӣ дар рӯзномаи дучониба ва байналмилалӣ тасдик намудем.
Хамкории иктисодӣ сохаи асосии шарикии мо мебошад. Аз ин рӯ, ба масъалахои дорои хусусияти тичоратию иктисодӣ ва хамкории сармоягузорӣ диккати махсус дода шуд.
Россия имрӯз яке аз шарикони асосии тичоративу иктисодии Точикистон бокӣ мемонад.
Соли гузашта гардиши мол миёни мамлакатхои мо 9 фоиз афзоиш ёфта, аз 1 миллиард доллар гузашт. Дар ин замина, ахамияти татбики самараноки минбаъдаи карорхои дар доираи Комиссияи байнихукуматӣ оид ба хамкории иктисодӣ андешидашуда зикр карда шуд.     Чониби Точикистон мухимияти татбики лоихахои ояндадори сармоягузориро дар бахши вокеии иктисодиёти Точикистон тасдик намуд. Мо ба рохандозии истехсоли муштарак дар сохахои саноати сабук, хӯрокворӣ ва истихрочи маъдан, инчунин, дар сохаи наклиёт таваччух зохир намудем. Имкониятхои бузурги хамкорӣ, хамчунин, дар самтхои  сӯзишворию энергетикӣ ва агросаноатии иктисодиёти Точикистон вучуд доранд.
Имрӯз мо хуччатхоро дар бораи тартиби содагардондашудаи анчом додани амалиёти гумрукӣ хангоми интиколи махсулот ва воситахои наклиёт миёни кишвархоямон ва дар

бораи тартиб ва меъёрхои назорати фитосанитарӣ имзо намудем. Ин хуччатхо асосхои хукукии «долони сабз» -  ро эчод мекунанд.
Бо ин хама, барои таъмини мутакобилаи махсулот, аз чумла сабзавот ва мевахои аз чихати экологӣ тозаи Точикистон ба бозорхои бузурги Россия, шароити мусоид фарохам меояд. Хамчунин, зарурати зудтар ба итмом расондани корхои омодагӣ барои бунёди маркази яклухту таксимотии махсулоти кишоварзӣ дар Точикистон зикр карда шуд.
Чузъи дигари мухими хамкории иктисодии ду кишвар робитахои байниминтакавӣ мебошанд, ки чугрофияи онхо доимо вусъат меёбад. Имрӯз, такрибан, 80 минтакаи Россия бо Точикистон робитахои мустакими тичоратию иктисодӣ, фархангию гуманитарӣ ва гайра доранд. Мо густариш ва тахкими минбаъдаи хамкорӣ дар ин самтро зарур мешуморем.
Дар Точикистон имрӯз иктисодиёт устуворона рушд мекунад. Суръати афзоиши меъёри миёнаи солонаи мачмӯи махсулоти дохилӣ дар 10 соли охир дар сатхи 7 фоиз карор дорад, ки ин нишондихандаи хуби макроиктисодӣ мебошад.
Мо дар назди худ максад гузоштем, ки дар дах соли оянда иктисодиёти худро ба модели рушди саноативу кишоварзӣ табдил дихем.  Ин барои рушди хамкории мутакобилан судманди чонибхо дар сатхи минтакахо, аз чумла дар сохахои гуногуни саноатӣ, имкониятхои нав фарохам меорад.
Чун анъана, хар ду чониб ба хамкорӣ дар сохаи мухочирати мехнатӣ афзалияти махсус дод. Он, пеш аз хама, ба танзими анбӯхи мухочират миёни кишвархоямон, бехтар намудани шароити икомат ва кори мухочирони мехнатии точик ва аъзои оилахои онхо дар каламрави Россия нигаронда шудааст. Ба шарофати кӯшишхои муштарак, мо дар халли масъалахои мубрам дар ин соха ба таври назаррас пешрафт кардем.
Мавриди зикр аст, ки солхои охир шумораи мухочирони мехнатии точик, ки ба Федератсияи Россия сафар мекунанд, тамоюли камшавӣ дорад. Хамин тавр, соли гузашта бо максади фаъолияти мехнатӣ, такрибан, 480 хазор шахрванди Точикистон ба Россия рафтаанд. Ин шумора 50% камтар аз давраи авчи ин раванд - солхои аввали дахсолаи равон аст, ки то 1 миллион мухочири мехнатии мо ба Федератсияи Россия рафтааст. Бо вучуди ин, дар ин самт ханӯз масъалахои кушода бокӣ мемонанд, ки таваччухи моро такозо доранд.
Мо роххои густариши минбаъдаи хамкории дучонибаро дар сохаи фархангиву гуманитарӣ, аз чумла тавассути илму маориф, фарханг ва сайёхӣ, мухокима намудем. Муносибатхо дар ин сохахо барои наздикшавии минбаъдаи халкхоямон, тахкими дӯстӣ ва хамдигарфахмӣ байни онхо ахамияти калон доранд.
Мо доир ба иштироки фаъолона ва пайвастаи намояндагони зиёиёни илмӣ ва эчодии ду кишвар дар чорабинихои илмию фархангии якдигар сухан меронем. Дар ин замина, мехохам зикр намоям, ки фазои иттилоотии Россия дар тамоми гӯшахои Точикистон дастрас аст, яъне он чузъи майдони иттилооти мо мебошад.
Мавкеи тахсилоти Россия ва забони русӣ дар мо тахким меёбад. Имрӯз, зиёда аз 20 хазор нафар чавонони Точикистон дар донишгоххои Россия тахсил мекунанд.
Дар Точикистон Донишгохи (славянии) Россия ва Точикистон, филиали донишгоххои пешсафи Москва - Донишгохи давлатии Москва, МИСиС ва Институти энергетикӣ бомуваффакият фаъолият доранд.
Бо фармонхои дахлдори Президент ва карорхои Хукумат омӯзиши хатмии забони русӣ дар муассисахои тахсилоти миёнаи умумӣ, аллакай, аз синфи дуюм ва дар аксар муассисахои томактабии таълимӣ тахсил ба забони русӣ ба рох монда шудааст.

Дар 10 донишгох факултахои филологияи рус ё шуъбахои ихтисоси забон ва адабиёти рус вучуд доранд. Дар кишвар даххо мактабхои тахсилоти миёнаи умумӣ ва садхо синфхои омӯзиши забони русӣ фаъолият мекунанд.
Дар робита ба ин, мо ба чониби Россия чихати омодагӣ ба суръатбахшии раванди сохтмони панч мактаби нави русӣ дар Точикистон изхори миннатдорӣ менамоем.
Мо натичахои хамкории кишвархоямонро дар самти муковимат бар зидди тахдидхои чахонӣ ва минтакавӣ мусбат арзёбӣ мекунем. Дар самти таъмини амният чонибхо дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, чиноятхои муташаккили фаромиллӣ ва кочоки маводи мухаддир хамкории зич ба рох мондаанд.
Точикистон ва Россия дар ин масъала иттифокчиёни вокеӣ буда, мо чонибдори хамохангсозии минбаъдаи фаъолияти идорахои салохиятдори давлатхоямон дар ин соха мебошем.
Хамкории харбӣ ва харбӣ - техникии Точикистону Россия бомаром рушд мекунад. Мо ба чониби Россия барои мусоидати пайваста дар омодакунии кадрхо ба Куввахои Мусаллахамон ва дар тахкими харбӣ - техникии иктидори мудофиавии Точикистон изхори миннатдорӣ менамоем.
Дар чахорчӯби созишномахои бадастомада, Барномаи навсозии Куввахои Мусаллахи Точикистон татбик мешавад. Мо ба татбики мунтазами минбаъдаи барномаи мазкур дар мухлатхо ва хачмхои мувофикашуда умед дорем.
Аз чониби Точикистон барои фаъолияти босамари бузургтарин иншооти харбии хоричии Россия - пойгохи 201 - ум тадбирхои зарурӣ андешида мешаванд ва пойгохи нодири оптикӣ - электронии «Окно» муваффакона вазифахои худро хал мекунад.
Мо будубоши пойгохи харбии 201 - умро дар каламрави Точикистон яке аз омилхои калидӣ барои таъмини дастачамъонаи амнияти минтакавӣ мешуморем.
Хангоми мухокимаи масоили мубрами амнияти минтакавӣ мушкилоти Афгонистон низ дар мадди таваччухи чонибхо карор гирифт. Вокеахои Афгонистон мустакиман ба сатхи амнияти кишварамон ва, дар мачмӯъ, минтака таъсир мерасонанд. Бояд зикр кард, ки 60 дарсади сархади Афгонистон бо собик Иттиходи Шӯравӣ ба Точикистон рост меояд. Ин 1400 километри марзи Точикистону Афгонистон бо китъахои душворфатх барои мухофизат мебошад.
Китъаи сархадии Точикистону Афгонистон дар самти таъмини амнияти марзхои чанубии иттиход дорои ахамияти стратегӣ мебошад. Точикистон дар рохи пахн гардидани тахдидхои амниятии аз ин самт бароянда пешоханг буда, дар мубориза муассир бар зидди онхо сахми худро мегузорад.
Вакт нишон дод, ки мушкилоти ин кишвари барои мо хамсоя рохи халли харбӣ надорад. Точикистон хавасманди суботу шукуфоии Афгонистон буда, чонибдори халли мусолиматомези мушкилоти он мебошад. Дар робита ба ин, мо ба талошхои муштараки минбаъда оид ба мусоидат ба истикрори сулху субот дар Афгонистон тавассути роххои сиёсӣ ва дипломатӣ изхори чонибдорӣ намудем.
Мо доир ба масъалахои дорои хусусияти минтакавӣ ва байналмилалӣ табодули афкори муфассал намудем.
Мо бо Владимир Владимирович ба тахкими хамгироиямон дар чахорчӯби СММ, САХА, СХШ, ИДМ, СААД ва дигар сохторхои хамкории бисёрчониба изхори чонибдорӣ намудем. Чониби Точикистон аз натичаи музокироти имрӯза каноатманд мебошад.
Бо истифода аз фурсат, бо камоли хушнудӣ аз мухтарам Владимир Владимирович даъват ба амал овардам, ки дар вакти бароящон муносиб ба Точикистон ташриф оранд.

Бори дигар ба Шумо, Владимир Владимирович ва дар симои Шумо ба мардуми Россия барои истикболи гарму самимӣ ва мехмоннавозии анъанавӣ изхори миннатдорӣ менамоям.
Ташаккур.